**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор**
**__________Шарифзода Ф. Х.**
**«__»__________соли 2025.**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаии пешбар ба диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Мақом ва ҷойгоҳи Абдуллоҳи Ансорӣ дар ташаккул ва инкишофи рубоиёти ирфонӣ ва насри мусаҷҷаъ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ собит ва устувор мебошад. Саҳми беандозаи ин шахсияти бузургро дар инкишофи рубоии ирфонӣ, манқабатнависӣ ва насри мусаҷҷаъ аксари муаллифони сарчашмаҳои таърихию адабӣ таъкид мекунанд ва ӯро ба ҳайси шоир, нависанда, муфассир, муҳаддис, назарияпардози тасаввуф эътироф ва эҳтиром менамоянд. Илова бар ин, Абдуллоҳи Ансориро метавон мубтакири дар дохили наср ва такмили муҳтавои он овардани назм донист, ки ин ибтикор баъдан аз ҷониби Ҳамидуддини Балхӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ ва дигарон ба қуллаи инкишофи худ расид.

Доираи афкори Абдуллоҳи Ансорӣ хеле васеъ буда, дар қолаби осори илмию адабӣ матраҳ гардидаанд, ки ҳар кадом ба таври алоҳида шоистаи омӯзишу таҳқиқанд. Аммо масъалаи муҳимме, ки ба омӯзиш ва баррасӣ ниёз дорад, таҳқиқи шеър ва масъалаҳои интисоби ашъори ӯ мебошад, ки барои омӯзиши ҷанбаҳои маърифатӣ ва афкори адиб, ки дар қолаби каломи манзуму мансур ифода шудаанд, заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамии мавзуъ, масъалаҳои таҳқиқ, навгониҳо, сарчашма ва маохизи пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии он, ҳамчунин, нуктаҳои

асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Ҳамчунин, омӯзиши диду назарҳои сарчашманигорони асримиёнагӣ, муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба зиндагӣ ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмиро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант маҳсуб донист.

Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузоштащуда аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, таҳқиқи типологии жанрҳои адабӣ ва шеваҳои таҳқиқи сохторӣ босамар истифода намудааст. Тибқи андешаи диссертант, «Абдуллоҳи Ансорӣ аз аввалин адибоне мебошад, ки дар хилоли наср порчаҳои назмиро ҷой додааст, ки инро аз ибтикороти муҳимми равиши эҷоди насри бадеӣ метавон ҳисобид, ки «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидуддини Балхӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ идома ва авҷи ташаккули ин ибтикор мебошанд» [диссертатсия, с. 25]. Аз баррасиҳо ва далелҳои овардаи диссертант маълум аст, ки ашъори Ансорӣ аксар дар дохили осори мансури ӯ мундариҷ аст ва ба гумони ғолиби аксари муҳаққиқон ва тазкранависон, онҳо мансуб ба Абдуллоҳи Ансориянд. Ба ҳамин тартиб, сарчашманигорон ва ба такя ба ахбори онҳо аксари муҳаққиқони муосир, ки ба аҳволу осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таваҷҷуҳ кардаанд, ӯро ба сифати шоир, нависанда, назарияпардози тасаввуф, ориф ва муҳаддис зикр кардаанд.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки дар диссретатсияи Искандари Ориф масъалаҳои марбути интисоб, заминаҳои шоиронагии калом ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ баománи муназзаму мантиқӣ дар бобу фаслҳои диссертатсия дастабандӣ ва баррасӣ мешаванд. Махсусан, масъалаҳои зикри шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ, заминаҳои шоиронагии каломи ӯ, баррасии интисоби ашъор, рубоиёти сайёр ва насри мусаҷҷаъ, тавсифи ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва дигар масъалаҳои матраҳшаванда дар диссертатсия ҷолиби таваҷҷуҳ ва шоистаи истиқбол мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, масъалаҳои фаръии он, ба монанди зикри шеър ва шоирии Ансорӣ дар сарчашмаҳои асримиёнаӣ ва осори худи адиб, заминаҳои шоиронагии каломи ӯ, рубоиёти сайёр ва мансубияти онҳо ба Ансорӣ, насри мусаҷҷаъ дар осори адиб, ҳаҷми ашъор ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ, мундариҷаи ғоявии ашъор, хусуситяҳои забон ва сабки баён, вазн, қофия, радиф ва санъатҳои бадеӣ баррасӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарии** кори таҳқиқии Искандари Орифро метавон бо он асоснок кард, ки ба хулосаҳои муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун дар улуми адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, сабкшиносӣ ва

таъйини асолати рубоиёти сайёр дар адабиёт ва ғайра метавон такя кард.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки маводди фароҳамомада, хулоса ва натиҷагириҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, тадриси курсу семинарҳои махсус оид ба жанру анвои адабӣ, махсусан, жанри рубоӣ, навиштани рисолаҳои магистрӣ ва рисолаҳои хатм дар факултетҳои равияи филологӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Диссертатсияи Искандари Ориф аз муқаддима, се боб, шаш фасл, нуҳ зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхатти адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳар боб вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ба фаслҳо ҷудо шудааст. Дар баррасиҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, овардани маълумоти дақиқ аз маъхазҳо, муҳокимарониҳои илмӣ ва хулосабарориҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ ва **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд**, ки воқеан, дар адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори адабии Абдуллоҳи Ансорӣ аҳаммияти хоссаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Масъалаҳои интисоби ашъор ва заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз ду фасл ва шаш зерфасл иборат аст. Фасли якум «Ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо» унвон дошта, аз се зерфасл – «Шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ», «Осори насрии Ансорӣ ва ашъори мундариҷ дар онҳо» ва «Рубоиёти сайёр ва интисоби онҳо ба Ансорӣ» иборат аст.

Диссертант дар зерфасли аввал сарчашмаҳоро аз рӯйи зикри шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: 1) сарчашмаҳое, ки дар онҳо аз шеър сурудани Абдуллоҳи Ансорӣ сухан меравад, вале намуна зикр намегардад. 1) сарчашмаҳое, ки дар онҳо ҳам зикри шоирӣ рафта ва ҳам порчаҳои шеърӣ оварда шудаанд. Ҳамчунин, хулоса ва назари тазкиранависонро дар бораи маҳорати шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ, микдори абёт ва мувофиқати ашъори дар сарчашмаҳо зикргардида бо ашъори дар дохили осори насрии адиб омадаро баррасӣ кардааст.

Дар зерфасли дуюм ба тавсифи мухтасари осори боқимонда аз Абдуллоҳи Ансориро пардохта ва баъдан осореро аз ин миён ҷудо

кардааст, ки дар онҳо ашъори шоир дарҷ шудаанд. Муаллифи рисола ашъори боқимондаи Абдуллоҳи Ансориро дар ҳаҷми 989 байт муқаррар кардааст [диссертатсия, с. 53].

Дар зерфасли сеюм диссертанд баҳс дар бораи «рубоиёти сайёр» ба миён овардааст, ки ин масъала яке аз муҳимтарин мабоҳис чи дар шинохти шеъри Абдуллоҳи Ансорӣ ва чӣ дар шинохти рубоиёти адабиёти давраи аввалияи суфия мебошад. Унвонҷӯ бо такя ба назари муҳаққиқони адабиёт ва ҳамчунин пешниҳоди худ воситаҳои таъйини асолати ин навъи рубоиётро муайян кардааст.

Фасли дуюми боби аввал «Заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз се зерфасл – «Истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз осори гузаштагон», «Таъсири хонавода ва муҳити фарҳангии замон» ва «Насри мусаҷҷаъ дар осори адиб» иборат аст.

Дар зерфасли аввал аз истеъдоди фитрӣ ва ғайриодии Ансорӣ, ба монанди, қобилияти зеҳнии аз ҳад зиёди ӯ баҳс ба миён оварда мешавад. Муаллифи рисола дар як мавқеъ аз забони худи Абдуллоҳи Ансорӣ чунин иқтибос меорад: «Қобилияти зеҳнии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ то ба ҳадде буда, ки ҳар чизе, ки менавишта, ҳифз мешуда. Худи ӯ дар ин бора чунин мегӯяд: «Ҳақ(қ), субҳонаҳу таъоло маро ҳофизае дода буд, ки ҳар чи зери қалам бигузаштӣ, маро ҳифз шудӣ» [диссертатсия, с. 64].

Дар зерфасли дуюм муаллиф таъсири муҳити хонавода, махсусан сахтгириҳои падари ӯ ҷиҳати таълими писар ва ҳамчунин, ширкат дар маҷлисҳои сӯфиён ва шиносоӣ бо машоихи бузурги замонро аз муҳимтарин авомил дар ташаккули шахсияти адабии Абдуллоҳи Ансорӣ донистааст. Диссертант дар мавриди падари Ансорӣ бо нақл аз «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ чунин меорад: «Ман ҳафтоду анд сол илм омӯхтаму навиштам ва ранҷ бурдам дар эътиқод. Аввали он ҳама аз падари худ омӯхтаам, лекин қуро буд, содиқ ва баҷуд ва муттақӣ ва бовараъ, ки касе ончунон натавонистӣ буд ва натавонистӣ варзид, ки вай» [диссертатсия, с. 69].

Дар зерфасли сеюм баҳсҳо перомуни насри мусаҷҷаъ ба миён омадааст. Бешубҳа, Абдуллоҳи Ансориро бунёнгузори ин навъи наср дар таърихи адабиёт медонанд, ки дуруст аст. Муаллифи рисола баҳс перомуни дар садри саҷъсароён қарор доштани Ансориро ба миён оварда, иддиои худро бо далелҳои муҳкам исбот месозад.

Боби дуюми диссертатсия «Мундариҷаи ғоявии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз се фасл ва се зерфасл иборат аст. Фасли аввали боби дуюм «Ҳаҷми ашъор ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ» ва он аз се зерфасл – «Рубоӣ», «Ғазал» ва «Қитъа, муфрадот, маснавӣ ва мисроъ» иборат аст.

Дар зерфасли нахустин аз фасли аввал диссертант дар бораи ҳаҷми умумӣ ва сохтори рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ баҳс кардааст. Ҳатто дар дохили ин мабоҳис перомуни «рубоиёти себайтӣ» низ сухан рафтааст, ки ҷолиби диққат аст.

Дар зерфсли дуюм, ки ба баррасии ғазалиёти шоир алоқаманд аст, баҳсҳо дар таъйини асолати ин ғазалиёт ва ҳатто хулосаи ба Ансорӣ тааллуқ надоштани ғазалиёти мазкур сурат мегирад. Муаллиф бо далоили қотеъ аз Абдуллоҳи Ансорӣ набудани ин ғазалиёт ва ё чи гунае ки худи ӯ мегӯяд «ба гунаи шадид тағйир» ёфтани онҳо андешаронӣ кардааст.

Дар зерфасли сеюм баррасиҳо перомуни жанрҳои дигари мавҷуд дар ашъори Ансорӣ ба миён омадааст.

Фасли дуюми боби дуюм «Мундариҷаи ғоявии ғазалиёт» ном дошта, аз хулосабарориҳои муаллиф маълум мешавад, ки тамоми ғазалиёти мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ дорои мазомини орифонаву қаландарона мебошад.

Фасли сеюми боби дуюм «Мазмун ва муҳтавои рубоиёт» ном дорад. Ин фаслро дар диссертатсия аз бахшҳои марказӣ метавон арзёбӣ кард, зеро тақрибан тамоми мабоҳиси мавҷуд дар кор перомуни рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ сурат мегирад. Диссертант рубоиёти шоирро аз рӯйи мазмун ва муҳтаво ба рубоиёти ошиқонаву орифона ва рубоиёти муноҷотию мавъизавӣ ҷудо кардааст.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз чор фасл – «Хусусиятҳои забон ва сабки баён», «Авзони ашъор», «Қофия ва радиф» ва «Санъатҳои бадеӣ» иборат аст.

Дар фасли аввал муаллиф кӯшидааст, то вежагиҳои забонии шеъри Ансориро маълум кунад ва чунин менависад: «Шеъри Абдуллоҳи Ансорӣ аз назари забон ҳамон мухтассоти сабки хуросониро доро мебошад, аммо аз назари фикрӣ ошиқонаву орифона аст» [диссертатсия, с. 126].

Дар фасли дувум баррасии авзони ашъор сурат гирифта, вазни ғолиб дар ғазалҳо ҳазаҷу музореъ, дар рубоиёт ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар ва ашъори дигар баҳрҳои гуногун суруда шудаанд.

Дар фасли сеюм диссертант маълум кардааст, ки 30 ғазал аз ғазалиёти шоир ба қофияи муқайяд ва 15 ғазали дигар ба қофияи мутлақ суруда шудаанд. Аксари рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ ба тарзи қофиябандии аа ба (180 адад) ва 37 рубоии дигар ба тарзи қофиябандии аа аа мебошанд.

Дар баррасии санъатҳои бадеӣ дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ диссертант муҳимтарин ва асоситарин санъатҳои бадеиеро овардааст, ки дар ашъори шоир корбурди зиёд доранд ва онҳоро як навъ махсуси сабки шеърофарии Ансорӣ метавон арзёбӣ кард. Ба ин гурӯҳи санъатҳои бадеӣ диссертант санъатҳои бадеии нидо, талмеҳ, ташхис, истиора ва тазодро дохил кардааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Искандари Ориф фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 20 банд фароҳам

омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар боби аввал агар бахше перомуни вазъи адабии замони зиндагии Абдуллоҳи Ансорӣ илова мешуд, аз манфиат холӣ набуд. Зеро барои таъйини минбаъдаи эҷодиёти Ансорӣ кумаки зиёд мерасонид.

2. Баъзе аз иқтибосоти овардаи диссертант комил нестанд ва инро мо дар як маврид, яъне дар саҳ. 97 мушоҳида кардем.

3. Зимни навиштани номи ашхос ҳам ғалатҳое сар задааст, ки дар мисоли Фаридаддини Аттор ва Абусаъиди Абулхайр онҳоро метавон таъйид кард.

4. Такрори иқтибос дар саҳифаҳои 29 ва 32 аз Ризоқулихони Ҳидоят.

5. Ҳамчунин, ғалатҳои имлоӣ дар саҳифаҳои 5, 17, 19, 21, 22, 34, 36, 50, 59, 71, 73, 86 ва ғайра.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро халалдор намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия ва маводди интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Хулоса,** диссертатсияи Искандари Ориф бо мубрамии мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва доираи таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, Маликова Анзурат омода гардида, дар ҷаласаи шуъбаи мазкур санаи 8-уми январи соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи № 1 аз 08.01.2025.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.А.

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари
илмии шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маликова А.С.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, ходими калони
шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Давлатова Х.М.

**Имзоҳои У.А. Юсуфов, А.С.Маликова, Х. М. Давлатоваро тасдиқ мекунам:**
нозири шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Нарзиқулова Ҳ.М.

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Тел.: +992(37) 227-29-07; +992(37) 227-11-70.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com; сомонаи расмӣ: https: izar.tj

«08» январи соли 2025.